# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди**

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18-уми сентябри соли 2023, № 13 барои сазовор донистани Абдуев Эмом Субҳонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти № 306) рӯзи 1-уми июли соли 2023, суратҷаласаи № 32 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуев Эмом Субҳонович 12-уми апрели соли 1958 дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1979 ба Институти давлатии педагогии шаҳри Кулоб дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси “Забон ва адабиёти рус” хатм кардааст. Солҳои 2017-2023 унвонҷӯйи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара буда, фаъолияти кориашро аз соли 1979 ба сифати муаллими забон ва адабиёти рус оғоз кардааст. Аз моҳи марти соли 2013 то соли 2015 дар вазифаи саромӯзгор, аз соли 2015 ба ҳайси ёрдамчии ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, аз солҳои 2016-2023 таҳриргари барномаҳои иттилоотии мавзуъҳои радио ва телевизион ва аз соли 2023 саромӯзгори кафедраи забон ва адабиёти тоҷик кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филология, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе Мухторов Зайнидин Мухторович.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Нуров Пирмаҳмад Гулович,** доктори илми филология, мудири шуъбаи илмию ташкилии Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

2. **Амлоев Аминҷон Ятимович,** номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ Ҷумъахон Алимӣ ва ташхисгар – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон Саидов М.Б., котиби илмии ҷаласа Давлатова Ф.Т. имзо шуда ба имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми ҳуқуқ, профессор Раҳмонзода Д.С. тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

***а)* Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1-М] Абдуев Э.С., Мухторов З.** Назаре ба зиндагиномаи Толиби Омулӣ ва забони осори ӯ / Абдуев Э.С., Мухторов З. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 8, 2018. – С. 163-165.

**[2-М] Абдуев Э.С., Мухторов З.** Шифоҳиёт ва ҳақиқат дар бораи зиндагӣ ва осори Толиби Омулӣ / Абдуев Э.С., Мухторов З // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – № 7, 2018. – С. 275- 278.

**[3-М] Абдуев Э.С.** Нигини шоирони сабки ҳиндӣ / Абдуев Э.С.// Паёми Донишгоҳи давлатии Носири Хусрав. – № 3, 2018. - С. 24-28.

**[4-М] Абдуев, Э.С.** Тобишҳои луғавию маъноӣ дар ғазалиёти Толиби Омулӣ / Абдуев, Э.С. // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – № 2 (97), 2022 – С. 80 - 83.

**[5-М] Абдуев Э.С.** Тарбияи ахлоқиву маънавии донишҷӯён дар асоси арзишҳои инсонӣ дар заминаи ашъор / Абдуев, Э.С. // - №5 (05), 2022. -С. 182-187.

**б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

**[6-М] Абдуев, Э.С.** Саҳми мавлоно дар адабиёти форсу тоҷик / Абдуев, Э.С. // Конференсияи илмӣ- назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи « Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ - фахру мубоҳоти миллат».- 2023 – С. ».- 2023 – С. 159-163.

**[7-М] Абдуев, Э.С.** Лексикаи антропономӣ ва тасвири номҳои ҳархела дар ғазалиёти Толиби Омулӣ / Абдуев, Э.С. // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба бузургдошти забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Забон давлатқи ҳукумати электронӣ» -2023 – С. 226-230.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Вализода Ҳ.С.** - номзади илми филология, сармутахассиси Раёсати назорати давлатии илм ва иноватсия, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимии Агентии назорати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар тақриз роҷеъ ба мубрам будани мавзуъ, навгонӣ дар таҳқиқи илмии диссертант зикр гардида, ба автореферат се эрод гирифта шудааст:

- ғалатҳои имлоӣ ва китобатӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест.

- дар рафти таҳқиқот баъзе аз асарҳои олимони ватании солҳои охир аз мадди назари дессертант дур мондааст.

- дар баъзе ҷойҳои рисола мавқеи истифодабарии аломатҳои пунктуатсионӣ: “тире” ва “дефис” риоя карда нашудааст.

**2. Қӯрғонов З.Д.** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров. Тақриз дар маҷмуъ мусбат буда, чунин эрод гирифта шудааст:

- дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобӣ (ниг.с.10; 14).

**3. Назаров М.Н.** - номзади илми филология, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълими “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”. Тақриз мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- дар автореферат дар ду шакл овардани калимаи суфия (10), суфиён (12) ба назар мерасад, ки ислоҳ ва истифодаи меъёри ягонанависии онҳо судманд аст.

- дар фишурдаи диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешавад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.(Маҷмӯаи (7), ҳануз (10), гуйӣ (17), сурӯда (17), сиёҳгуш (18), гуштхор (19).

**4. Иматшоева М.Б.** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забони англисӣ барои ихтисосҳои ҳамгирои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

- дар матни автореферат номи муҳаққиқони соҳаи забоншиносӣ дар ду шакл, ба монанди О.Ғафуров, Ғафуров О.Ғ., ба назар расид, ки ислоҳ меҳоҳанд.

- ғалатҳои имлоӣ ( саҳ.2,5,7,17,23) ва китобатӣ (саҳ. 4, 7,15,18,21) дида мешавад, ки ислоҳи онҳо мувофиқи матлаб аст.

- дар автореферат ягон диаграмма ва ҷадвал истифода нашудааст; хуб мешуд ба воситаи технологияи нави иттилоотӣ дар қолаби дигар нишон дода шаванд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии

муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:

- масоили назарии таҳқиқ ва таснифи лексикаи назм дар забони форсии дарӣ;
- вижагиҳои луғавию маъноии лексикаи ирфонии ғазалиёти Толиб;
- баррасии мафҳуми ғазал ҳамчун жанр ва вижагиҳои забонии он;
- баррасии гурӯҳҳои луғавӣ: сермаъноӣ, муродифот, зидмаъноӣ ва омонимҳо дар ғазалиёти Толиби Омулӣ;
- таҳқиқи қабатҳои мавзуии ғазалиёти Толиби Омулӣ: номи ашхос, парандагону ҳайвонот ва дарахту растаниҳо;
- таҳқиқи гурӯҳҳои мавзуии номи аҷсом, маҳал ва рӯду обҳо дар ғазалиёти Толиби Омулӣ;
- мушаххас намудани нақши вижагиҳои маъноию луғавии ғазалиёти Толиби Омулӣ.

**Асосҳои назарии таҳқиқотро** метавон чунин баён кард: Осоре, ки оид ба рӯзгор ва фаъолияти эҷодии Муҳаммад Толиб бар қалами муҳаққиқони тоҷик мансуб бошанд, хеле камшуморанд: фақат соли 1993 китобе таҳти унвони Фурӯғи Бастомӣ, Толиби Омулӣ дар нашриёти «Адиб» аз ҷониби Ш. Саидҷаъфаров, М. Муллоаҳмадов бо хатти кириллӣ ба табъ расидааст. Дар китоби мазкур тавзеҳоте аз ҳаёту фаолияти шоир ва сипас ғазалиёту рубоиёт ва қасидаҳои эшон оварда шудаанд. Муосири шоир Аҳсан (Зафархон) ва муаллифи «Тазкираи Ҳусайнӣ» ӯро ба унвони «Муҳаммад Толиби Омулӣ» ном бурдаанд, ки ҳамин унвон дар феҳристҳои Ҳерман Эте, Муқтадир, Иванов оварда шудаанд. Асарҳои Толиби Омулӣ маснавии “Сӯзу гудоз” ва ҳамчунин

тазкираҳои “Хайр-ул-баён,” “Хизонаи Омира,” “Ништари ишқ” номбар карда шудаанд.

Дар кор методҳои умумиилмии мушоҳида, шарҳдиҳӣ, маҷмуъгардонӣ ва методҳои таҳлили семантикию услубӣ, методи таҳлили матни бадеӣ, таҳлили тафсири луғавӣ, ва мисли инҳо мавриди истифода қарор гирифтааст.

**Аҳамияти назариявии кори диссертатсионӣ** ин аст, ки нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои назариявии диссертант барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ доир ба хусусиятҳои луғавию маъноии осори манзуми даврони адабиёти классикӣ, муайян намудани вижагиҳои услубии осори шоирони пайрави сабкҳои адабии гуногун, хусусан адибони пайрави сабки ҳиндӣ ва ҳамчунин пажӯҳишҳои илмии марбут ба таҳлили қиёсии ашъори адибони сабкҳои мухталиф, бахрагирию таъсирпазирии адибон аз осори ҳамдигар, нақшу ҷойгоҳи осори манзуми адибони даврони классикӣ дар ташаккул ва таҳаввули забони адабии тоҷик, метавонад ба сифати заминаи илмӣ хизмат намояд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** – дар он зоҳир мегардад, ки нуктаҳои назариявӣ ва маводи гирдовардаи унвонҷӯро метавон зимни таҳияи фарҳангҳои тафсирӣ ва тарҷумавии забони тоҷикӣ таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ аз фанҳои забони тоҷикӣ, таърихи забони адабии тоҷик, лексикологияи тоҷик, услубшиносӣ, ҳусни баён ва ҳамчунин дар баргузории курсу семинарҳои махсус доир ба хусусиёти забони осори бадеии шоирони пайрави сабки ҳиндӣ истифода кардан мумкин аст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** .Мақсади асосии таҳқиқи диссертатсионӣ таҳлилу баррасии вижагиҳои маъноиву луғавӣ, вижагиҳои корбурди лексикаи ғазалиёти Толиби Омулї ва мушаххас намудани нақши ин гурӯҳи луғавӣ маљсуб мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот бо далелҳои зерин муайян карда мешаванд, ки ӯ бори аввал дар забоншиносии тоҷик ба таҳлили монографии хусусиятҳои луғавии ғазалиёти Толиби Омулӣ машғул гардида, сатҳи корбурди ғановати луғавию маъноии забони тоҷикӣ ва имконоти тавонмандии ин забонро дар ғазалҳои шоир мавриди баррасии амику густарда қарор дода, ба ҳамин васила нақшу ҷойгоҳи осору фаолияти эҷодии Толиби Омулиро дар инкишофи забони адабии тоҷик бавижа дар таҳаввули забони осори марбут ба сабки ҳиндӣ муайян менамояд ва хусусиёти хоси забони ин осорро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 18-уми сентябри соли 2023 дар бораи сазовор донистани Абдуев Эмом Субҳонович ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 15 нафар иштирок намуданд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.ф., профессор — Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент — Каримова Д. Н.

18.09. 2023с.